# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №13

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 22.05.2024, № 13

Барои сазовор донистани Холов Тоҳирҷон Толибҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 13-уми марти соли 2024 тибқи суратмаҷлиси №21 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холов Тоҳирҷон Толибҷонович 29 июли соли 1988 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавсуф соли 2006 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ қабул шуда, донишгоҳи боло зикрро соли 2011 бо дипломи ДТО №0089304 аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо касби иқтисодчӣ хатм намудааст.

Аз моҳи марти соли 2013 фаъолияти меҳнатияшро ба ҳайси коршиноси қарзӣ дар ФҶСК Бонки Эсхата дар ш.Душанбе оғоз намуда то соли 2021 фаъолият намудааст. Аз моҳи декабри соли 2021 то имрӯз дар Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сармутахассис фаъолияти кориашро идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарифзода Баҳром Маҳмуд - д.и.и., сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Хоҷаев Парвиз** Давронович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**2. Сафоев Абдумаҷид Каримович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Шарифзода Ш.Р. – н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Холов Т.Т. 11 адад интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 6 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ - тадқиқотии мустақил ва бaанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Холов Тоҳирҷон Толибҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1–М]. Холов Т.Т. Аҳамияти ҷалби сармояи хориҷӣ дар рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Т. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2014. - №2/3 (125). - С. 218-224.

[2–М]. Холов Т.Т. Сармояи хориҷӣ ва нақши он дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Т. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2014. - №2/5. - С. 80-86.

[3–М]. Холов Т.Т. Инвестиционная политика промышленности Республики Таджикистан и пути её активизации [Текст] / Т.Т. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2014. – №2/8. - С. 268-273.

[4-М]. Холов Т.Т. Пути дальнейшего развития предприятий горнорудной промышленности Таджикистана [Текст] / Т.Т. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №5. - С. 181 -189.

[5-М]. Холов Т.Т. Вопросы финансирования геологоразведочных работ в Таджикистане [Текст] / Т.Т. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №7. - С. 20-26.

[6-М]. Холов Т.Т. Оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ гарави татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ [Матн] / Б.М. Шарипов, Т.Т. Холов, Т. Кобилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. – №6. - С. 77-86 .

[7-М]. Холов Т.Т. Перспективы развития горнорудной промышленности Таджикистана [Текст] // Т.Т. Холов, Ш.Б. Шарипов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). - 2021. - № 3-4 (75). - С. 36-44.

**Б) Интишорот дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Холов Т.Т. Экономические интересы и ценности Республики Таджикистан в условиях рынка [Текст] / З.Х. Нуруллоев, В.А. Разыков, Т.Т. Холов // Институт развития образования Таджикистана. Наука и иновация (научный,учебный и методический журнал). - Душанбе, 2013. - С 69-73.

[9-М]. Холов Т.Т. Формирование СЭЗ как фактор стимулирования инвестиционной активности [Текст] / Т.Т. Холов // Сб материалов республиканской научно-практической конференции “Свободный экономические зоны и их роль в

развитии национальной экономики”(19-20 декабря 2013г) Институт предпринимательста и сервиса. - Душанбе, 2014. - С. 145-151.

[10-М]. Холов Т.Т. Оценка эффективности инвестиционных проектов [Текст] / В.А. Разыков, З.Х. Нуруллоев, Т.Т. Холов // Мат. респ. научно пратич. конференции “Инвестиционно-строительный комплекс Таджикистана за период независимости: от проблем к их решению”Д:ТТУ им.Акад.М.С.Осими, 2014. – С. 201.

[11-М]. Холов Т.Т. Вопросы финансирования геологоразведочных работ в Таджикистане [Текст] / Т.Т. Холов, Б.М. Шарипов // Маҷмуи мақолаҳои конференнсияи илмию амалии байналмиллали бахшида ба 30 солагии (Исфара 2021 ) , Худжанд Парки технологи ДДХБСТ, 2021. – С. 19- 27.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Абуқодиров Х.А.,** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар автореферат хавфҳои объективӣ ва субъективӣ пурра кушода нашудааст.
- Дар баъзе ҷойҳои автореферат хатогиҳои графикӣ ба чашм мерасанд

2. **Самандарзода И.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

-Муаллиф дар автореферат бамаврид қайд кардааст, ки кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта шаклҳои гуногуни дастгирии давлатиро барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои бузург баҳри рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ истифода мебаранд. Беҳтар мегардид, агар чанде аз ҷузвҳои ин таҷриба барои шароити Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

-Дар автореферат баъзе норасоиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқоти илмии минбаъда аз манфиат холӣ нест.

3.**Облоқулов В.М.-** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсенти мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳии металлургии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

-Сармоягузориҳо барои корхонаҳои кӯҳӣ дар намуди ҷадвал оварда шудааст, хуб мешуд, ки дар мисоли як корхонаи кӯҳӣ таҳлил нишон дода мешуд.

- Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо ба мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуд.

4. **Асоев М.М.** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

-Агар аз боби дуюми диссертатсия дар автореферат маълумоти зиёдтар оид ба саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон пешниҳод мегардид мазмун ва муҳтавои кори илмиро ба пуррагӣ инъикос менамуд. Аз он ҷумла мавқеи ҷойгиршавии конҳо, захираҳои тавозунии конҳои канданиҳои фоиданок ва дигар маълумот.

-Дар автореферат баъзе нуқсонҳои имлоию техникӣ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқоти минбаъда ба манфиати кор аст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо характери тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- асосноккунии моҳияти иқтисоди–иҷтимоии фазои сармоягузорӣ дар шароити муосир ва хусусиятҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷии сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар шароити муосир;
- арзёбии иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таҳлили фазои сармоягузории саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон;
- ошкор намудани хусусиятҳои рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ;
- коркарди пешниҳодот оид ба дурнамои рушди фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон;
- пешниҳоди роҳҳои асосии баландбардории ҷолибияти сармоягузорӣ, аз он ҷумла тавассути ҷорӣ кардани принсипҳои идоракунии корпоративӣ.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** аз он иборат аст, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда ба эҷоди заминаи илмӣ ва методологии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, ки ин аҳамияти бузурги амалиро дар маҷмӯъ барои рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон дорад.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад аз ҷониби ширкату корхонаҳои саноатӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои такмили додани сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ дар самти таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** таҳқиқот аз ҳисоби ҷалби маҳсули илмӣ – таҷрибавӣ, маълумоти амиқ, ҳаҷми зарурии маводи таҳқиқотӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва интишори мақолаҳои илмӣ тасдиқ гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф бо истифода аз таҳлил ва ҷамъбастсозии маводи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ, ҳамчунин таҳқиқи вазъи муосири фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Муқаррароти илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби худи муаллиф таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 22 майи соли 2024 қарори сазовор донистани Холов Тоҳирҷон Толибҷонович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т. Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

Санаи барасмиятдарории хулоса
**22 майи соли 2024**

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 22.05.2024 с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Роҳбари илмӣ:

Шарифзода Баҳром Маҳмуд - д.и.и., сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Хоҷаев Парвиз Давронович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

Сафоев Абдумаҷид Каримович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шӯро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Холов Тоҳирҷон Толибҷоновичро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Холов Тоҳирҷон Толибҷонович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Холов Т.Т. Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Холов Т.Т. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., д.и.и., профессор  Рауфӣ А. ва д.и.т., дотсент Фохаков А.С.

Холов Т.Т.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ Шарифзода Баҳром Маҳмуд - д.и.и., сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Шарифзода Баҳром Маҳмуд. Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Холов Т.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Холов Т.Т. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ Хоҷаев Парвиз Давронович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

Хоҷаев П.Д. Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Холов Т.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Холов Т.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Сафоев Абдумаҷид Каримович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода мешавад.

Сафоев А.К. Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Холов Т.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Холов Т.Т. Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шӯро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р, д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Низамова Т.Д ва н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н. баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Холов Т.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯйи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р. ва доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор-10. Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А дода мешавад. Марҳамат!

Рауфӣ А: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзоёнӣ Шӯрои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 22 майи соли 2024, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., ва доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С. таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Холов Тоҳирҷон Толибҷонович мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар, номзади илм 1 нафар.

Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Холов Тоҳирҷон Толибҷонович чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шӯро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо назардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович. эълон кунам.

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ аз 22 майи соли 2024, №1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзӯи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими

илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хоҷаев Парвиз Давронович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафоев Абдумаҷид Каримович ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Низамова Т.Д ва н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Холов Тоҳирҷон Толибҷонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Холов Тоҳирҷон Толибҷонович бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

22 майи соли 2024

Муҳри муассиса

# ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ аз 22 майи соли 2024, №1

ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хоҷаев Парвиз Давронович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафоев Абдумаҷид Каримович ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Низамова Т.Д ва н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Холов Тоҳирҷон Толибҷонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Холов Тоҳирҷон Толибҷонович бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

22 майи соли 2024

Муҳри муассиса